# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15.09.2022** **ш. Душанбе**

Суханронии Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи **«Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илми филология, профессор, мудири мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – **Салихов Шамсиддин Аслиддинович**, номзади илми филология, ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – **Муҳаммадиев Шамсиддин Муродович,** муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илми филология Кӯчарзода Аламхон, Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Низомӣ Муҳриддинро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Усмониён Нозила Усмон

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Усмониён Нозила Усмон дар мавзуи **«Меҳринисо ва хусусиятҳои мавзуӣ, бадеӣ ва сабкии ашъори ӯ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Усмониён Нозила Усмон дараҷаи илмии номзади илми филология дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илми филология ба Усмониён Нозила Усмон аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 13 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.

15.09.2022